**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон д.и.т., дотсент
Назарзода Х.Х. ________________
«18» ____04____ с. 2024

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Г.Т. дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.4. Таърихи инкишофи назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, 1.12. Шаклдигаркунии ҳисоботи молиявии миллии мутобиқ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва стандартҳои давлатҳои дигар, мутобиқ аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ талаботи нав мегузорад. Гузашта аз ин, афзоиши нақши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ зарурати рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибиро вобаста ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи

молиявӣ ва идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии хоҷагидорӣ ва санадҳои қонунгузории амалкунанда ба миён меорад.

Имрӯз падидаи ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ худро ҳамчун як қувваи бузурге муаррифӣ кардааст, ки барои дигаргунсозии муносибатҳои иқтисодӣ ва равона кардани онҳо ба самти фаъолияти густурда, шаффоф ва самарабахш қодир аст. Дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ корхонаҳо барои ишғол кардани мақоми сазовори худ дар бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ усулҳои нави кам кардани хароҷотро роҳандозӣ мекунанд. Ҳамчунин эҳтиёҷ ба гирифтани иттилооти зарурӣ оид ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявӣ, ташаккули хароҷот ва фоида, оид ба дигар ҷанбаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба хотири қабули қарорҳои идоракунии муносиб аз ҷониби роҳбарият, соҳибмулкон ва дигар манфиатдорон афзун мегардад.

Мусаллам аст, ки чунин иттилоот дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолияти идоракунии корхонаҳои муосир мебошад, бунёд мегардад. Баҳисобгирии муҳосибӣ фарогири тамоми низоми иттилоотӣ барои идоракунии умумии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Нақши низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ хусусан барои рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муҳим аст. Бинобар ин, имрӯз таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии равандҳои ташаккули низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, муайян кардани мушкилоти ташкил ва роҳандозӣ намудани низоми муассири баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо масъалаҳои мубрами илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошанд. Бинобар ин, аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо рушди минбаъдаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи ғояҳои назариявӣ ва методикаҳои амалии татбиқи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ муайян мегардад. Ҳамаи ин мубрамии мавзуи таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро муайян ва тасдиқ мекунанд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Саҳми илмии довталаб дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи равишҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии

иқтисодии байналмилалӣ ифода мeёбад ва инро муҳтавои бобҳои алоҳидаи таҳқиқот, ки дар онҳо масъалаҳои мубрами назария, методология ва амалияи фаъолияти низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ таҳқиқ шудаанд, тасдиқ мекунад. Дар диссертатсия вобаста ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ, омӯзиши ҳисоботҳои молиявии субъектҳои дорои манфиати умум барои беҳгардонии раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии саҳеҳ тавсияҳо пешниҳод кардааст. Душвориҳои дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда дар шароити ҳамгироӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, барои тақвият бахшидан ба равандҳои гузариш ба СБҲМ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ истифода шаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва феҳристи адабиёт бо 330 номгӯй иборат аст. Муҳтавои асосии диссертатсия дар ҳаҷми 340 саҳифа дарҷ гардидааст. Феҳристи адабиёт 330 номгӯйро дарбар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъала мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби якум** – «Асосҳои назариявии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ» ҷанбаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар

низомҳои хоҷагидорӣ таҳқиқ карда шуда, равишҳои назариявии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда шудааст. Раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва вазъи гузариши он ба СБҲМ таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Хизмати сазовори довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ӯ аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ кардааст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти инсон таърихи тӯлонӣ дорад, вале ҳамчун соҳаи илм нисбатан нав аст. Дар робита ба ин муаллиф раванди ташаккул ва рушди таърихии баҳисобгирии муҳосибиро таҳқиқ намуда, мураккаб будани онро собит кардааст. Ба андешаи ӯ, масъалаи омӯзиши заминаҳои таърихӣ ва асосҳои илмии баҳисобгирии муҳосибӣ аз оғози ташаккулёбии он ҳамчун илм ҳамеша мавриди диққат ва омӯзиш буд. Вале то имрӯз ҷанбаҳои таърихии пайдошавии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пурра ба таҳқиқ фаро гирифта нашудаанд, равишҳои консептуалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ ба як шакли мукаммал оварда нашудаанд. Дар байни олимон ва муҳаққиқон ақидаҳои гуногун дар бораи ҷанбаҳои таърихӣ, принсипҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуд мебошанд. Вобаста ба ин, муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба асолати шарқӣ доштани баҳисобгирии муҳосибӣ далелҳо оварда, онҳоро бо иқтибос аз асарҳои олимони ҷаҳонӣ ва намояндагони миллати тоҷик тақвият додааст (саҳ. 25-27).

Муаллиф иброз мекунад, ки бо вусъат ёфтани равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ васеъ шуда, ҳадафи он низ ба шароити иқтисодии замони нав мутобиқ мегардад. Ба андешаи ӯ, имрӯз дар баҳисобгирии муҳосибӣ майлон ба қоидаҳои СБҲМ, ки принсипҳои асосии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявиро дар миқёси ҷаҳонӣ муайян мекунанд, бештар ба назар мерасад. Равандҳои ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ нигоҳи навро ба моҳият ва нақши баҳисобгирии муҳосибӣ тақозо мекунанд. Ҳамин тариқ, муаллиф собит намудааст, ки имрӯз баҳисобгирии муҳосибӣ на чун амали техникии барои ташкили назорати фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ зарурӣ, балки чун воситаи муҳими иртибот дар муҳити тиҷоратии густурда ва доираи зиёди иштирокчиён ва манфиатдорони натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дарк карда мешавад. Ӯ фикри худро бо таҳлил ва арзёбии мухтавои асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, муҳаққиқони таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъбаст кардааст (саҳ. 34-35). Ҳамаи ин аҳамияти калони назариявӣ ва илмӣ дорад.

Тавре муаллиф тасдиқ мекунад, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии имрӯз амалкунанда сифат ва эътимоднокии муносиби иттилооти дар худ бунёдшавандаро ба андозаи басанда таъмин наменамояд, инчунин имконияти истифодаи муфиди ин иттилоот маҳдуд аст. Вобаста ба ин, муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, пешниҳод менамояд, ки ба хотири аз нав пойдор намудани боварии истифодабарандагон ба иттилооти дар ҳисоботи молиявӣ пешкашшаванда мукаммалсозии баҳисобгирии муҳосибӣ дар самти рушди равишҳои муттасили назариявӣ ва методологие зарур аст, ки бо ёрии онҳо тассаввуроти аллакай маъмул ва ҳам навпайдошудаи баҳисобгирии муҳосибиро метавон арзёбӣ намуд ва дар ин асос таъминоти меъёрию ҳуқуқӣ ва методии раванди баҳисобгирии муҳосибиро таҳия кард. Дар масъалаҳои рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити доимо дигаршавандаи муҳити бозор ва баланд шудани мақоми иттилоот дар идоракунӣ, таҳияи усулҳо ва қоидаҳои нави идоракунии равандҳои тиҷоратии корхона, пешбурд ва такмили баҳисобгирии муҳосибӣ, таъмини робитаи байни муҳосибот ва дигар қисматҳои низоми идоракунии корхона, тартиб додан ва ба истифодабарандагон пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия ҳадафҳо ва самтҳои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ тавассути унсурҳои таъминоти иттилоотии идоракунӣ муайян ва асоснок карда шудааст (саҳ. 38-44).

Дар диссертатсия дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ дар низомҳои хоҷагидорӣ зарурати ислоҳоти куллии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ тасдиқ карда шудааст. Ба андешаи муаллиф, ташаккули таносуби байни манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, истифодабарандагони берунии ҳисоботи молиявӣ ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вақти зиёдро талаб мекунад, зеро дар аксари корхонаҳои тиҷоратии мамлакат, ки пештар дар моликияти давлатӣ қарор доштанд, кормандони муҳосибӣ ҳуввияти пешини худро то ҳол нигоҳ медоранд, барои қабули назари дигар ба тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ бо сабаби ноуҳдабароӣ барои азхуд кардани донишҳои нав омода нестанд (саҳ. 67-70).

**Дар боби дуюм** – «Масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қисматҳои асосии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ – раванди таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ, заминаҳои ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ карда шуда, тамоюлҳои рушди методология ва

амалияи ташаккул ва рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар шароити СБҲМ муайян карда шудаанд.

Таҳқиқи муаллиф нишон медиҳад, ки дар аксари корхонаҳои тиҷоратии мамлакат сиёсати баҳисобгирӣ чун ҳуҷҷати расмии аз ҷониби сармуҳосиб таҳияшаванда баррасӣ мешавад, вале ба он мувофиқи рисолате, ки бояд иҷро кунад, аҳамияти дахлдор дода намешавад. Аксаран дар корхонаҳо ба сиёсати баҳисобгирӣ чун ҳуҷҷате муносибат мекунанд, ки мувофиқи талаботи қонунгузорӣ бояд тартиб дода ва аз ҷониби роҳбари корхона тасдиқ карда шавад. Ба андешаи муаллиф, сабаби асосии чунин муносибат ба сиёсати баҳисобгирӣ пеш аз ҳама бо хусусиятҳои ташкили фаъолияти идоракунии корхонаҳо дар мамлакат алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф ба таҳияи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури муҳими сиёсати баҳисобгирӣ диққати муҳим дода, барои такмили раванди таҳияи он тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст (саҳ. 115-120).

Дар диссертатсия ба яке аз масъалаҳои муҳими низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ – ҷудошавии намудҳои алоҳидаи он – баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз диққати муҳим дода шудааст (саҳ. 130-144). Дар баробари ин, муаллиф оид ба рушди низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибӣ сухан ронда, таъкид мекунад, ки ҳамгироии намудҳои баҳисобгирии муҳосибӣ асосан тавассути идоракунии хароҷот бо роҳи таъсир расонидан ба хароҷот, даромадҳо ва фоидаи субъекти хоҷагидорӣ имконпазир аст. Ғайр аз ин, маълумоти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ оид ба хароҷот ва даромадҳо умуман барои корхона бояд якхела бошанд ва қарорҳои идоракунӣ бо назардошти паёмадҳои баҳисобгирии андоз қабул карда шаванд. Ин, ба назари муаллиф, имкон медиҳад, ки яке аз ҳадафҳои асосии ҳар як намуди баҳисобгирии муҳосибӣ – таъмини ҳамаи истифодабарандагони манфиатдор бо иттилооти дахлдор, ки барои коркард ва тафсири минбаъда ҳангоми амалӣ кардани манфиатҳои худ аз фаъолияти корхона басанда аст, амалӣ карда шавад (саҳ. 154-155).

**Дар боби сеюм –** «Масъалаҳои амалии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ» хусусиятҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ошкор ва арзёбӣ карда шуда, масъалаҳои ҳамоҳангсозии баҳисобгирии муҳосибӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ карда шудаанд, ҳамчунин вазъи стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии мамлакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ба низоми ҷаҳонии иқтисодӣ аз субъектҳои хоҷагидории ватанӣ, ки дар самтҳои мухталифи истеҳсолот ва хизматрасонӣ фаъолият мекунанд, на танҳо мувофиқат ба стандартҳои мавҷудаи сифати истеҳсолот ва хизматрасониҳо, балки инчунин ҳамсонгардонии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии онҳоро талаб менамояд. Ба андешаи муаллиф, ин гуна ҳамсонгардонӣ имкон медиҳад, ки истифодабарандагони иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва арзёбии қиёсии вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷиро гузаронанд. Мукаммалсозии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси ҳамоҳангсозӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо ҳам наздик гардида, мамлакатҳои дорои иқтисодиёти нисбатан суст рушдкарда ба сатҳи мамлакатҳои бештар рушдкарда расонида шаванд (саҳ. 216-227).

Ба андешаи муаллиф, татбиқи СБҲМ имкон медихад, ки камбудҳои низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва носозгориҳои он бо талаботи иқтисодиёти бозорӣ пайваста ва бе вайрон кардани якпорчагии ин низом бартараф карда шаванд. Илова бар ин, истифодаи СБҲМ ба корхонаҳои ватанӣ имкон медиҳад, ки бо истифода аз методикаҳои ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз муҳтавои стандартҳои байналмилалӣ бармеоянд, низомҳои таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии худро такмил дода, ба менеҷерҳо маълумоти саҳеҳ ва барои қабули қарорҳои беҳтарин мусоидаткунанда пешниҳод карда шавад. Инчунин истифодаи СБҲМ ба беҳгардии муҳити соҳибкорӣ дар мамлакат ва таҳкими ҳисси эътимоди соҳибкорон мусоидат менамояд (саҳ. 249).

**Дар боби чорум –** «Мукаммалгардонии танзими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ» масъалаҳои мукаммалсозии низоми танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ баррасӣ шуда, яке аз унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирии корхона - нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаи ноилгардии ҳадафҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Ҳамчунин масъалаҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки нақшаи ҳисобҳо дар баробари унсури муҳими сиёсати баҳисобгирии корхона будан, ҳамчун яке аз омилҳои появии ташкилию методологии баҳисобгирӣ дар ҳама гуна субъектҳои хоҷагидорӣ баромад намуда, ҳамзамон як бахши васеъшудаи объектҳои баҳисобгирӣ ва

муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо, воситаи танзимкунанда ва амалӣ намудани қоидаи навишти дутарафа мебошад. Вобаста ба ин, муаллиф мазмун ва муҳтавои нақшаи амалкунандаи ҳисобҳоро таҳлил намуда, камбудиҳои онро ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳоро нишон додааст (саҳ. 257-268). Аз ҷумла, сохтори намунавии нақшаи ҳисобҳо бо дарназардошти таҳқиқоти муаллиф пешниҳод гардидааст, ки барои беҳгардонии техникаи баҳисобгирӣ дар низомҳои баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ нафъи муҳим хоҳад дошт (саҳ. 308-310). Ин нуктаҳо муваффақияти назарраси илмию амалии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ карда шудааст, ки барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба мамлакат пеш аз ҳама кормандон-мутахассисони барои кор бо СБҲМ омода лозим мебошанд. Дар доираи тадбирҳои ислоҳот ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ фанҳои таълимии нав, чун СБҲМ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз, аудит, менеҷменти молиявӣ ворид карда шуданд. Вобаста ба ин, муаллиф мушкилоти омодасозии кормандони муҳосибиро таҳқиқ намуда, барои бартараф кардани онҳо тавсияҳои муҳим пешниҳод кардааст (саҳ. 315-327). Ин ҷиҳати таҳқиқот барои пешрафти кори бобарори низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ аҳамияти илмию амалии махсус дорад.

Ҳамин тавр, навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунин нуктаҳоро дар бар мегиранд:

1. Муаллиф дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ ва равишҳои назариявии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои пайдошавии баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун соҳаи илм ва ҳам соҳаи фаъолият муайян карда, марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ кардааст, бо такя ба муҳтавои асарҳои олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ асолати шарқӣ доштани илми баҳисобгириро асоснок кардааст. Ҳамчунин амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидориро таҳия карда, дар он алоқамандии унсурҳои баҳисобгирӣ ва вазифаҳои идоракуниро инъикос намудааст.

2. Зарурати роҳандозӣ намудани ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба гузариши субъектҳои хоҷагидорӣ ба истифодаи СБҲМ асоснок карда шудааст. Раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, дар ин замина тадбирҳои асосӣ барои гузариши бобарор ба СБҲМ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳот муайян карда шудаанд. Муаллиф омилҳои асосии боздорандаи ноилгардии ҳадафҳои ислоҳотро ошкор, гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ карда, барои бартараф кардани онҳо пешниҳодҳои муфид таҳия намудааст.

3. Муаллиф мушкилоти асосии наздикгардонии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро дар доираи сиёсати баҳисобгирӣ муайян карда, роҳҳои ҳалли онҳо нишон додааст. Дар баробари ин тавсияҳои методиро оид ба ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ барои ҳадафҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, таҳияи нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод кардааст.

4. Муаллиф бо истифода аз равиши таърихӣ шароити рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таъсири омилҳо ба равандҳои таҳаввули он, талаботи тиҷорати муосир ба дигаршавии шакли баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷудо шудани намудҳои он муайян карда, мушкилоти методологии ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибии ягона ба намудҳои алоҳида – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро ба низом даровардааст.

5. Дар асоси таҳқиқи методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ ва муайян кардани тамоюлоти рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, камбудиҳои методологии ҳам СБҲМ ва муҳтавои онҳо, ҳам ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда ошкор карда шуда, барои бартараф кардани онҳо тавсияҳо таҳия шудаанд. Муаллиф амсилаи низоми ҳамгирои баҳисобгирии муҳосибиро таҳия кардааст, ки дар доираи он баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз вазифаҳои худро ба ҷо оварда, маълумоти ҳамдигарро истифода мебаранд. Бо таҳқиқи ҳисоботи молиявии якчанд субъектҳои дорои манфиати умум муаллиф тасдиқ мекунад, ки камбудии асосии раванди гузариш ба СБҲМ ин сатҳи пасти дониши касбии муҳосибон ва аудиторон мебошад.

6. Муаллиф дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар миқёси байналмилалӣ, таҳлил ва арзёбии таъсири равандҳои ҳамгироӣ ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ хусусиятҳои ташкил ва

пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро муайян кардааст. Ҳамзамон таъсири омилҳоро ба стандартонии байналмилалии қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ таҳқиқ ва арзёбӣ намуда, хусусиятҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардааст.

7. Хусусиятҳои иқтисодиёти муосир вобаста ба таъсирашон ба низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ арзёбӣ карда шудаанд. Омилҳои бо вазъи имрӯзаи иқтисодиёт алоқаманд, чун рушди технологияҳои рақамӣ, густариши ҳолатҳои буҳронӣ, дигаршавии амсилаҳои тиҷоратӣ, пайдо шудани намудҳои нави дороиҳо ва аҳдҳои тиҷоратӣ, таваҷҷуҳ ба нақши иттилооти ғайримолиявӣ ва дигарҳо муайян карда шуда, алоқамандии онҳо бо баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли амсила пешниҳод карда шудааст. Собит карда шудааст, ки омилҳои мазкур ба муҳтаво ва хосияти иттилооти баҳисобгирӣ, шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, ба методология ва сохтори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар унсурҳои он таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин зарурати ҳамоҳангсозӣ ва стандартонии баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити муосир асоснок карда шудааст.

8. Муаллиф фаъолияти низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро дар мамлакатҳои ИДМ таҳқиқ карда, мушкилот ва монеаҳои дар раванди гузариш ба СБҲМ дар ин мамлакатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва арзёбӣ кардааст. Хусусиятҳои миллии ислоҳоти муҳосибӣ дар мамлакатҳои ИДМ муайян карда шуда, тарзҳои истифодаи СБҲМ дар низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибии ин мамлакатҳо тавсиф ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамчунин душвориҳои дар рушди низоми назорати сифати ҳисоботи молиявии дар асоси СБҲМ таҳияшуда дар мамлакатҳои ИДМ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Барои тақвият бахшидан ба равандҳои гузариш ба СБҲМ дар мамлакатҳои ИДМ тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудаанд.

9. Санадҳои меъёрию қонунгузории танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳқиқ карда шуда, дар ин асос тасдиқ карда шудааст, ки барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва гузариши бобарор ба СБҲМ зарурати бозбинии пояҳои қонунӣ ва меъёрии он ба миён омадааст. Барои такмили санадҳои меъёрии зинаҳои сеюм ва чоруми низоми танзимкунии меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои такмили нақшаи ҳисобҳо ҳамчун воситаи ноилгардӣ ба ҳадафҳои ислоҳот тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.

10. Дар асоси таҳқиқи равандҳои омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар фазои давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин таҳлил ва арзёбии муҳтавои барномаҳои сертификатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ истифода мешаванд, ҷиҳатҳои асосии такмили низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, дурнамои рушди низоми омодасозӣ ва сертификатсияи муҳосибони касбӣ таҳия карда шудааст.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳии хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба истифодаи усулҳои махсуси коркарди маълумоти боэътимоди низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ва коркарди омории онҳо асос меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот мушаххас буда, ба вазифаҳои он мувофиқат мекунанд. Хулосаҳои умумии аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда ба вазифаҳои он мувофиқ буда, мазмун ва сохтори диссертатсияро пурра инъикос мекунанд, возеҳ ифода ёфта, дарки ҳамаҷонибаи нуктаҳои асосии таҳқиқотро таъмин мекунанд. Бинобар ин, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда асоснок ва эътимоднок мебошанд. Тавсифи библиографӣ дар феҳристи адабиёт бо риояи талаботи муқарраршуда ба ҷо оварда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби олимону мутахассисон дар омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳалли масъалаҳои амалии марбут ба такмили низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ истифода шуда, инчунин ба мақомоти ваколатдори соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ барои корбарӣ дар таҳияи ҷиҳатҳои назариявию методологии рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод карда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Нтиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилоти ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ истифода шаванд. Муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳанд, ки самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ баланд бардошта шавад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» истифода мешаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он аст**, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ба рушди таъминоти ташкилӣ-методии низомҳои баҳисобгирии

муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратии таъсири мусбат расонида, ба баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидат кунанд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он аст**, ки қабули қарорҳои идоракунии самаранок дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории мамлакат дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ беҳтар гардад.

**Нуқтаҳои баҳснок ва эродҳо**

Сарфи назар аз ҷиҳатҳои мусбати кор, инчунин дар таҳқиқот баъзе нуқтаҳои баҳснок ва камбудиҳо мавҷуданд, аз қабили:

- муаллиф ҳангоми таҳқиқи сарчашмаҳои таърихии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ қайд мекунад, ки баҳисобгирӣ асолати шарқӣ дорад (аз ҷумла, ин дар банди якуми хулосаҳо низ омадааст). Вобаста ба ин, аз асарҳои муҳаққиқони ҷаҳонӣ низ иқтибосҳо оварда шудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф дар ин масъала аз асарҳои таърихӣ, ки ба таҳқиқи девонҳои Давлати Сомониён бахшида шудаанд, оид ба вуҷуд доштани девонҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳисобдорӣ низ иқтибос меовард.

- параграфи 1.3 таҳқиқот «Муаммоҳои ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ» номгузорӣ шудааст. Инчунин дар дигар ҳолатҳо низ вожаи «муаммо» истифода шудааст (аз ҷумла, дар муҳтавои вазифаи дуюми таҳқиқот, дар саҳ. 8). Хуб мебуд, агар муаллиф ба ҷои вожаи мазкур вожаи «мушкилот» ё дигар вожаи муносибро истифода мебурд, зеро, ба андешаи мо вожаи «муаммо» дар қаринаи мазкур қобили истифода нест;

- мавзуи диссертатсия асосан низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, вале дар баъзе мавридҳо дар таҳқиқот сухан дар бораи низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ меравад (аз ҷумла, дар параграфи 1.3). Вобаста ба ин, мехостем аз муаллиф сабаби таваҷҷуҳи бештар доштанро ба мушкилоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва робитаи он бо низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ фаҳмем.

- дар саҳ. 277-278 (параграфи 4.1) муҳаққиқ дар бораи «Низомнома дар бораи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан меронад. Лекин, бояд қайд кард, ки санади мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505 аз эътибор соқит дониста шуда, шакли нави он тасдиқ гардидааст. Хуб мебуд, агар муаллиф ин ҷиҳатро дар таҳқиқот қайд мекард;

- муаллиф дар саҳ. 117 қайд мекунад, ки масъалаи таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо дар адабиёт ба таври васеъ ифшо шудааст. Вале маҳз дар кадом

адабиёт, ин қайд карда нашудааст. Оё муаллиф метавонад номбар кунад, ки маҳз дар кадом адабиёт ва аз ҷониби кадом муаллифон тарҳҳои беҳтари нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод шудаанд ва онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ баррасӣ шудаанд ё не. Инчунин онҳо аз намунаи сохтори нақшаи ҳисобҳо, ки муаллиф пешниҳод кардааст (саҳ. 308-310) чӣ тафовут доранд;

Эродҳои номбаршуда арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд ва хусусияти машваратӣ доранд.

**Мукаммал будани изҳори муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дар корҳои нашршуда.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 28 корҳои илмӣ, аз ҷумла 1 монография, 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаҷми умумии 17,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) ба нашр расонида шудааст. Дар корҳои илмӣ ҳама бахшҳои диссертатсияи тақризшаванда пурра инъикос гардидаанд. Илова бар ин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорабиниҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Қодирова Г.Т. таҳқиқоти илмии мукммал ва мустақилона иҷрошуда буда, ба мавзуи интихобгардида мувофиқ аст. Мубрамии мавзуи интихобшуда асоснок аст. Мақсади дар диссертатсия муқарраргардида амалӣ шудааст, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои умумии дар таҳқиқот овардашуда натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Муаллиф вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия натиҷаҳои илмии муайянро ба даст овардааст, ки ҳамчун саҳми муҳим дар ҳалли мушкилоти мубрами баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ эътироф карда мешаванд.

## Хулоса дар бораи мувофиқати рисола ба талаботи муқарраршуда

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисодӣ ва амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 31,32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он – Қодирова Гулмо Толибовна барои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (протоколи №9 аз таърихи 16.04.2024с.) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Дар ҷаласа 18-нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ н.и.и., дотсент** **Алимов К.К.**

**Ташхисгар:**
**д.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Толибов Қ.Қ.**

**Котиби ҷаласа: дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ н.и.и., дотсент** **Исматуллоев И.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, куч. Деҳотӣ 1/2. **Тел:** (+992) 918-61-81-77; **Email:** tguk@mail.ru

Имзоҳои Алимов К.К., Толибов Қ.Қ. ва Исматуллоев И-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**